# ТОҶИКИСТОН

| | |
|---|---|
| **Кишвари Узв аз** | 1 апрели соли 2000 |
| **Қонунгузории татбиқи Созишнома** | Қонунгузории ҷиноятии амалкунанда |
| **Гузориши охирин тибқи Моддаи 7 пешниҳод шудааст** | Моҳи феврали соли 2008 |
| **Моддаи 4 (нобудсозии захираҳо)** | Мӯҳлати ниҳоӣ: Моҳи апрели соли 2004<br>Ба анҷом расид: Моҳи марти соли 2004 |
| **Маддаи 3 (минаҳои боқимонда)** | Аз ибтидо: 255<br>Моҳи феврали соли 2008: 0 |
| **Таркандаҳои гузошташуда** | Минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагард, таркандаҳои фаръӣ, дигар МН |
| **Қитъаи тахминии минадор** | 8.5км$^2$ |
| **Моддаи 5 (поксозии қитъаҳои минадор)** | Мӯҳлати ниҳоӣ: 1 апрели соли 2010 |
| **Эҳтимолияти анҷоми корҳо дар мӯҳлати ниҳоӣ** | Паст |
| **Пешравӣ дар безарарсозии минаҳо дар соли 2007** | Поксозии қитъаҳои минадор: 0.5км$^2$ (2006: 0.3км$^2$)<br>Покзозии қитъаҳои ҷанг: 0.2км$^2$ (2006: 0 км$^2$)<br>Масоҳати қитъаҳои поксозишуда/ихтисоршуда: 17.7 км$^2$ (2006: 1.2 км$^2$) |
| **Зарардидагон аз минаҳо/ТБҶ дар соли 2007** | Ҳамагӣ: 19 (2006: 21)<br>Минаҳо: 11 (2006: 11)<br>Таркандаҳои фаръӣ: 5 (2006: 0)<br>ТБҶ: 3 (2006: 7)<br>Таркандаҳои номаълум: 0 (2006: 2) |
| **Арзёбии зарардидагон** | Кушташудагон: 9 (2006: 6)<br>Ҷароҳатбардоштагон: 10 (2006: 14) |
| **Арзёбии наҷотёфтагон аз мина/ТБҶ** | Тақрибан 421 |
| **Иқтидори огоҳонӣ аз хатари таркандаҳо** | Афзудааст – мутобиқан |
| **Дастрасии хизматрасониҳо дар соли 2007** | Бетағйир – номутаносиб |
| **Пешравиҳо дар расонидани кӯмак ба зарардидагон КЗ25 (VA25)** | Беҳтар шудааст |
| **Маблағгузории амалиёти безарарсозии минаҳо дар** | Байналмилалӣ: $1.25 миллион (2006: $1.06 миллион)<br>Миллӣ: $0.57 миллион (2006: $0.5 миллион) |

| | |
|---|---|
| **соли 2007** | |
| **Пешравиҳои асосӣ аз моҳи майи соли 2007** | Соли 2007 Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи миллии омӯзонии хатари мина/ТБҶ-ро оғоз намуд. Маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо МТММ се тағйироти ба лоиҳа воридкардашударо ба парламент барои мутобиқ кардани қонунҳои миллӣ бо талаботҳо оид ба манъи минаҳо, ки дар созишнома зикр карда шудаанд, пешниҳод намуд. МТММ дар давоми сол бо ду ҳодисаи таркиши мина дучор шуд, ки дар натиҷаи онҳо як корманди безарарсозии мина ҳалок шуд ва дигаре ҷароҳатҳои вазнин бардошт. Моҳи марти соли 2008, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии зарурати расонидани кӯмак ба зарардидагон, ки соли 2006 оғоз гардида буд, ба анҷом расид. Дар гузориши охирини худ тибқи Моддаи 7, Тоҷикистон ҳамчунин эълон намуд, ки дар соли 2006, 49,152 минаи PFM-1S ва 100 минаи POM ба Қувваҳои мусаллаҳи Россия дар Тоҷикистон супурда шуда, моҳи октябр нобуд карда шуданд. |

**Сиёсати Манъи Минаҳо**

12 октябри соли 1999 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишномаи Манъи Минаҳо ҳамроҳ шуд ва аз 1 апрели соли 2000 Давлати Узви шартномаи мазкур гардид. Соли 2007 Маркази Тоҷикистон оид ба Масъалаҳои Минаҳо (МТММ) якҷоя бо ТҒД Тоҷикистон Ҳамоҳангии Ҷаҳон (Harmony of the World) лоиҳаи пешниҳодҳоро оид ба мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо талаботҳои Созишномаи Манъи Минаҳо таҳия намуд. Охири соли 2007, МТММ се лоиҳаи тағйиротро ба парламенти миллӣ барои баррасӣ пешниҳод намуд.[1] Қаблан ҳукумат изҳор намуда буд, ки қонуни нав оид ба татбиқи созишнома дар ҳудуди кишвар зарур нест, зеро масъалаи мазкур дар қонунгузории ҷиноятии ҷорӣ зикр карда шудааст ва барои риоя накардани созишнома ҷиноят пешбинӣ гардидааст.[2]

Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориши шашуми худро тибқи Моддаи 7, аз 3 феврали соли 2008 пешниҳод намуд, ки он соли тақвимии 2007-ро фаро мегирад.[3]

---

[1] Мусоҳиба бо Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, Душанбе, 5 феврали 2008. Тағйирот ба қонунҳои зерин: «Дар бораи қувваҳои мусаллаҳ», «Дар бораи муомилоти моддаҳои тарканда барои мақсадҳои ғайри ҳарбӣ» ва «Дар бораи яроқ». КБСС барои лоиҳа маблағгузорӣ пешниҳод намуд, вале тавсияҳоро баррасӣ накард. Паёми электронӣ аз Ева Ла Ҳайе, Мушовири ҳуқуқ, Бахши силоҳ, КБСС, 29 июли 2008. Лоиҳа соли 2006 оғоз гардида буд. Нигар ба *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ* 2006, саҳ. 691.

[2] Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи А, 14 марти 2005; ва паёми электронӣ аз Питер Айзек, Сармушовири техникӣ, БРСММ/МТММ, 15 сентябри 2004. Қонун дар бораи яроқ аз соли 2006 тамоми масъалаҳои марбут ба бақайдгирӣ, таҳвил, интиқол, ба даст овардан, супурдан ва нигоҳдории яроқ ва лавозимоти ҳарбиро дар Тоҷикистон дақиқ ба танзим медарорад. Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи А, 3 феврали 2003.

[3] Гузоришҳои пешин, бо фарогирии соли тақвимии гузашта 12 марти 2007, 27 феврали 2006, 14 марти 2005, 4 феврали 2004 ва 3 феврали 2003 (барои соли 2000 бошад, 28 сентябр) пешниҳод шуда буданд.

Моҳи ноябри соли 2007 Намояндаи Тоҷикистон дар Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо дар Урдун иштирок дошт, ки дар он масъалаи таъмини захираҳо барои анҷом додани амалиёти безарарсозии минаҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва дар бобати расонидани кӯмак ба зарардидагон маълумотҳо пешниҳод намуд. Намояндаи Тоҷикистон ҳамчунин дар вохӯрии Коммисияи Доимоамалкунандаи Байниичлосиявӣ, ки моҳи июни соли 2008 баргузор гардида буд, иштирок намуд ва бори дигар дар мавриди безарарсозии минаҳо ва расонидани кӯмак ба зарардидагон (КЗ) сухан ронд.

Тоҷикистон дар мулоқоти Кишварҳои Аъзо, ки дар он масъалаи шарҳ ва татбиқи Моддаҳои 1, 2 ва 3 мавриди баррасӣ қарор дода шуд, иштирок накард. Бинобар ин, Тоҷикистон дар мавриди масъалаҳои вобаста бо амалиётҳои муштараки ҳарбии кишварҳои ғайри аъзои созишномаи зикргардида, ҳамлу нақли минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагард, минаҳои зидди воситаҳои нақлиёти муҷаҳҳаз бо таркононандаҳои ҳассос ё механизмҳое, ки безарар гардониданашон имконнопазир аст, миқдори иҷозатшудаи минаҳои барои омӯзиш ва машқҳо нигоҳдошташуда нуқтаи назари худро пешниҳод накард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Конвенсия оид ба Силоҳи Муқаррарӣ (КСМ) ва Протоколи Иловагии II он оид ба минаҳои заминӣ мебошад, вале моҳи ноябри соли 2007 дар Ҷаласаи Нӯҳуми Ҳарсолаи Кишварҳои аъзои Протоколи Иловагии II иштирок накард. Тоҷикистон мутобиқи Моддаи 13 ягон маротиба гузориши ҳарсолаи миллиро пешниҳод накардааст. Тоҷикистон 18 майи соли 2006 ба Протоколи V КСМ оид ба таркандаҳои боқимондаи ҷанг (ТБҶ) ҳамроҳ гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи майи соли 2008 дар Ҷаласаи Дипломатии Дублин оид ба Муҳимоти Ҷангии Кассетӣ иштирок надошт.

**Истеҳсол, Ҳамлу нақл, Истифода, Захирасозӣ ва Нобудсозӣ**

Тоҷикистон эълон намуд, ки он ҳеҷ гоҳ минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагардро истеҳсол ё ба содироти он машғул нашудааст.[4] Охирон маротиба минаҳо дар ҳудуди Тоҷикистон соли 2000 ва 2001, замоне ки қӯшунҳои ҳарбии Россия ва Ӯзбекистон дар минтақаҳои гуногуни сарҳадии дохили Тоҷикистон минаҳо гузоштанд, истифода шудаанд.[5]

Ҷумҳурии Тоҷикистон захираи худ, тақрибан 3,084 адад минаи зидди қӯшунҳои пиёдагардро, ки аз давраи Шӯравӣ боқӣ монда буданд, аз 5 майи соли 2002 то 31 марти

[4] Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаҳои А ва Н, 3 феврали 2003.
[5] Дар ҳамон ҷо, Формаи С.

соли 2004 нобуд сохт ва ҳамин тариқ пеш аз мӯҳлати ниҳоии дар созишнома зикргардида, ӯҳдадории худро иҷро намуд.[6]

Тоҷикистон ягона Кишвари Узве мебошад, ки дар мавриди дар ҳудуди он захираи минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагард доштани кишвари ғайри узви созишнома эълон намудааст. Тоҷикистон гузориш пешниҳод намуд, ки тақрибан 18,200 адад минаи зидди қӯшунҳои пиёдагарди навъҳои гуногун дар қисмҳои ҳарбии Вазорати Мудофиаи Федератсияи Россия, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ ҷойгиранд, захира карда шудаанд.[7] Захираҳои мазкур берун аз доираи ҳуқуқии Тоҷикистон буда, таҳти назорати он намебошанд.[8] Аз соли 2003, дар ҳар як гузориши худ тибқи Моддаи 7 Тоҷикистон хабар дод, ки музокироти байнидавлатӣ дар мавриди аниқ намудан ва ба анҷом расонидани ҷамъоварии маълумоти пурра оид ба минаҳои Россия "айни ҳол идома доранд".[9]

*Зазираҳои минаҳои нав ошкоргардида*

Дар гузориши охирини худ тибқи Моддаи 7, Тоҷикистон доир ба минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагарди ошкоргардида ва нобуд кардани онҳо баъди татбиқи барномаи нобудсозии худ маълумотҳо пешниҳод намуд.[10] Соли 2006, 49,152 адад минаҳои навъи PFM-1S-и аз масоҳати дур идорашаванда[11] ва 100 "қуттӣ" минаҳои аз масоҳати дур идорашавандаи тиккадори навъи POM[12] аз ҷониби қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон ба қисмҳои ҳарбии Вазорати Мудофиаи Федератсияи Россия воқеъ дар қаламрави ҷумҳурӣ барои нобудсозӣ супорида шуданд. Минаҳои номбурда моҳи октябри соли 2006 бо фармони Хадамоти Федералии Сарҳадии Федератсияи Россия нобуд карда шуданд.[13]

Дар ҷавоб ба саволи аз куҷо пайдо шудани ин минаҳо MTMM ба Нозироти Минаҳои заминӣ изҳор намуд, ки соли 2005 Кумитаи давлатии ҳифзи сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҳади байналмилалии Тоҷикистонро бо Афғонистон таҳти назорати худ қарор дод ва тамоми сохтору таҷҳизоти сарҳадӣ – аз ҷумла минаҳоро – аз қувваҳои

---

[6] Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи G, 14 марти 2005. Матн дар Формаҳои A, D ва F дар бораи 3,029 минаҳои нобудкардашуда маълумот медиҳад, вале рӯйхати пурра дар Формаи G ин рақамро 3,084 нишон медиҳад. Аз ҷумла: 1,591 минаҳои POMZ-2; 633 PMN; 436 OZM-72; ва 424 минаҳои MON-100.

[7] Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи B, 3 феврали 2003.

[8] Мусоҳиба бо Ҷонмаҳмад Раҷабов, ҳамон вақт – Муовини Мудири шӯъбаи кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Женева, 5 феврали 2003. Дар мусоҳибаи дигар дар Женева 13 майи 2003, ӯ изҳор намуд, қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон таҳти сохтори алоҳидаи фармондеҳӣ ва назорат қарор доранд ва фармонҳои қувваҳои Россия оид ба гузоштани минаҳо рад мекунанд.

[9] Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи B, 3 феврали 2008, 12 марти 2007, 27 феврали 2006, 14 марти 2005, 4 фаврали 2004, ва 3 феврали 2003.

[10] Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи B, 3 феврали 2008. Тоҷикистон формаи иловагии B2-ро истифода намуд.

[11] MTMM тасдиқ намуд, ки ин миқдори минаҳои инфиродӣ мебошад. TMAC has confirmed that this is the number of individual mines. Он эҳтимол аз 768 қуттӣ ҳар кадом дорои 64 минаҳои инфиродӣ иборат бошад.

[12] Аз рӯи шакл «ҳар як маҷмӯъ [аз минаҳои POM] дорои якчанд қуттӣ буда, ҳар қуттӣ чандин минаҳо дорад. Мо миқдори қуттиҳои дар ҳар як маҷмӯъ мавҷудбударо муайян накардем. Ҳар як маҷмӯъ аз якчанд мина иборат аст.» Одатан, маҷмӯи (бастаи) KPOM-2 чор мина дорад, вале маълум нест, ки дар ҳар як баста чанд қуттӣ аст.

[13] Фармони №21/6/8-5609, аз 1 сентябри 2006. Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи B2, 3 феврали 2008.

сарҳадии Хадамоти Федералии Сарҳадии Россия қабул намуд. Тибқи маълумотҳои МТММ, мақомотҳои сарҳадии Тоҷикистон сари вақт маълумотҳоро пешниҳод накардад, то ки онҳо ба гузориши Тоҷикистон тибқи Моддаи 7, ки моҳи феврали соли 2006 пешниҳод шуда буд, замима карда шаванд. [14]

Илова ба гузориш оид ба захираҳои зиёди минаҳои аз масофаи дур идорашаванда, дар гузориш тибқи Моддаи 7 дар мавриди ду ҳолати "конфискатсия ё пайдо намудани" минаҳо аз ҷониби қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон маълумотҳо оварда шудаанд. Дар ҳолати якум қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ду адад минаи навъи MON-100, 17 POMZ-2 ва як адад OZM-72-ро «дар ҷараёни амалиёти зиддитеррористӣ конфискатсия ё пайдо намудаанд». Санаи пайдо намудани минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагард ва нобуд сохтани онҳо дар гузориш нишон дода нашудааст. Ҳолати дуюми дар гузориш зиркгардида, ки соли 2007 сурат гирифта буд, дар мавриди "интиқоли ду адад минаи кӯҳнаи навъи YM-1, 13 M18A ва як адад минаи навъи MON-50 аз захираҳои сохторҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба МТММ барои нобуд сохтан" маълумот медиҳад. Минаҳои дар гузориш зикргардида аз ҷониби кормандони амният дар натиҷаи амалиёти зиддитеррористӣ конфискатсия ё ошкор карда шудаанд. [15]

*Минаҳои барои омӯзишу машқ нигоҳдошташуда*

Тоҷикистон дар гузориши худ тибқи Моддаи 7, ки моҳи феврали соли 2008 пешниҳод шудааст, хабар дод, ки он 150 адад минаи барои омӯзишу машқҳо нигоҳдошта, аз ҷумла 50 адад минаи навъи POMZ-2M ва 5 адад MON-100-ро истифода намудааст.[16] Аввал Тоҷикистон 255 адад минаи зидди қӯшунҳои пиёдагардро барои омӯзишу машқҳо нигоҳ дошта буд. Ин далели он аст, ки ин минаҳо то соли 2010 то гузаштани мӯҳлати истифодаашон, истифода хоҳанд шуд.[17] Тоҷикистон бори дигар усули навро, ки дар Вохӯрии Шашуми Кишварҳои Аъзо барои пешниҳоди гузориш оид ба минаҳои нигоҳдошташуда қабул гардида буд, истифода намуд.

**Проблемаи вобаста ба Минаҳои заминӣ/ТБҶ**

Минаҳо дар Тоҷикистон дар давраҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва аз ҷониби сохторҳои ҳарбии Шӯравӣ ва Ӯзбекистон гузошта шуда буданд. Илова бар ин сохторҳои ҳарбии Иттиҳоди Шӯравии собиқ дар ҳудуди Тоҷикистон се навъ минаҳои

---

[14] Мусоҳибаи телефонӣ бо Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июли 2008. МТММ изҳор намуд, ки мақомоти сарҳадӣ дар бораи ҷойҳое, ки минаҳо ошкор карда шуданд, иттилоот пешниҳод намекунанд.

[15] Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи B2, 3 феврали 2008.

[16] Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаҳои D.1 ва D.1b, 3 феврали 2008.

[17] Миқдор ва намудҳои минаҳои дар ибтидо нигоҳдошташуда: POMZ-2M (100); PMN (50); OZM-72 (50); MON-100 (50); ва MON-200 (5). Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи D, 3 феврали 2003; ва Формаи D, 14 марти 2005. Қаблан Тоҷикистон аз истифода намудани 150 минаҳои нигоҳдошташуда барои бозомӯзонии кормандони тадқиқгар ва безарарсозии минаҳо ва боқӣ мондани 105 мина гузориш дода буд. Он ҳама 50 минаҳои PMN, OZM-72, ва POMZ-2M истифода намудааст. Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи D.1, 12 марти 2007. Маълум шуд, ки миқдори умумии 150 минаи гузоришдодашуда 30 минаи дар соли 2005 истифодагардидаро низ дар бар мегирад (10-тогӣ аз минаҳои PMN, POMZ-2, ва OZM-72). Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи D.1b, 27 феврали 2006. Яъне, аслан дар соли 2006 120 мина нобуд карда шудааст (40-тогӣ аз минаҳои PMN, POMZ-2, ва OZM-72).

кассетиро истифода намудаанд, ки дар натиҷа дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон муҳимоти натаркидаи зиёд боқӣ мондаанд. Тоҷикистон дар мавриди проблемаи минаҳои аз ҷанг боқимонда гузориш пешниҳод накардааст, гарчанде ҳолатҳои пайдо намудани муҳимоти натаркида (МН)[18] ҳанӯз ҳам ҷой доранд.

Сабтҳо оид ба қитъаҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон, ки сарҳадбонони қӯшунҳои Россия дар онҳо минаҳо гузошта шудаанд, тибқи маълумотҳо солҳои 2005-2006 расман ба ихтиёри сарҳадбонони Тоҷикистон супорида шудаанд.[19] Дар ин сабтҳо қитъаҳои минагузошташуда дар тамоми 14 ноҳияи бо Афғонистон ҳамсарҳад нишон дода шудаанд. Мутобиқи сабтҳо оид ба қитъаҳои минагузошташуда, дар маҷмӯъ дар 607 қитъаи минагузошташуда тавре, ки арзёбӣ мешавад, бештар аз 260,000 адад минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагарди навъи PFM-1, PFM-1C, POM, ва POM-2C гузошта шудаанд ва ин қитъаҳо 8.6км$^2$ мавзеи хатарноки эҳтимолиро (МХЭ) ташкил медиҳанд.[20] Вале, моҳҳои март-июни соли 2008, вақте ки МТММ барои тасдиқ кардани маълумотҳо аз ин 14 қитъа боздид намуд, онҳо танҳо дар 12 қитъа 603 мавзеи минагузошташуда, ки 8.5км$^2$-ро ташкил медоданд, пайдо намуданд.[21]

Қаблан, солҳои 2003-2005 дар натиҷаи тадқиқоти умумӣ, ки аз ҷониби Фонди Швейтсарияи оид ба безарсозии минаҳо (ФШБМ) анҷом дода шуда буд, танҳо 50 мавзеи дар он минаҳо гузошташудаи воқеъ дар наздикии сарҳади Афғонистон муайян карда шуданд, зеро ФШБМ ба ҳамаи қитъаҳои минагузошташуда иҷозатнома надошт. Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқот инчунин 49 мавзеи дигари минагузошташуда саросари ҷумҳурӣ ёфта шуд. Масоҳати умумии ин қитъаҳо 50 км$^2$-ро ташкил дод.[22] Минаҳо ҳамчунин дар сарҳади байни Тоҷикистону Қирғизистон ёфт шуданд.[23] Аз ҷониби МТММ инчунин 51 мавзеи дигари минагузошташуда воқеъ дар сарҳадоти Тоҷикистону Ӯзбекистон ошкор карда шуд, гарчанде бо сабаби "омилҳои сиёсӣ" арзёби намудани ин қитъаҳо вобаста ба мавҷудияти минаҳо дар онҳо имконнопазир буд.[24] Ҷумҳурии Ӯзбекистон эълон намуда буд, ки 95% қитъаҳои минагузошташудаи воқеъ дар сарҳади Тоҷикистон поксозӣ шудаанд, вале ягон маълумот ё сабт дар мавриди ин қитъаҳо ба Тоҷикистон пешниҳод нашудааст.[25]

---

[18] Паёми электронӣ аз Мино Алипур Биргонӣ, Мушовири хурди сиёсӣ, МТММ, 25 апрели 2007; *нигар ба Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2006*, саҳ. 692–693; ва *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007*, саҳ. 650.

[19] Паёми электронӣ аз Лидия Гуд, мутахассиси Барномаи Безарарсозии Минаҳо, Гурӯҳи Пешгирии Муноқиша ва Барқарорсозӣ, Бюрои Пешгирии Бӯҳрон ва Барқарорсозӣ, БРСММ, 15 августи 2008.

[20] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, МТММ, 18 июни 2008.

[21] Мусоҳибаи телефонӣ бо Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 2 июли 2008.

[22] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, МТММ, 1 июли 2008.

[23] Нигар ба *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007*, саҳ. 651; ва *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2006*, саҳ. 693.

[24] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 1 июли 2008.

[25] Гузориш тибқи Моддаи 7, 3 феврали 2008, саҳ. 3.

Тадқиқоти ФШБМ ва МТММ омилҳои ҷойгиронии таркандаҳои кассетии навъи PFM-1, минаҳои зидди қўшунҳои пиёдагарди навъи PFM-1C, ShOAB-0.5, AO-2.5 PT, AO-0.5, ва таркандаҳои фаръӣи навъи AO-1SCh-ро муайян сохтанд.[26] Ҳамчунин проблемаҳои мавҷудияти МН-и аз машқҳои ҳарбӣ боқимонда вуҷуд дорад. Эҳтимол, баъзе снарядҳое, ки ҳангоми машқҳои омўзишии Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон парронда шудаанд, тасодуфан берун аз мавзеи гузаронидани машқҳои ҳарбӣ афтида бошанд.[27]

Тибқи маълумотҳои МТММ, бештар аҳолии маҳалӣ ҳангоми чарондани чорво, ҳезум ё сангҷамъкунӣ, ҳангоми анҷом додани корҳои кишоварзӣ, алафдаравӣ ва баъзе нафарон бинобар танг будани шароити иқтисодӣ минтақаҳои сарҳадии минагузошташударо убур карда, ба минаҳо дучор мешаванд. Ҳодисаҳои нохуши бо таркиши минаҳо алоқамандбуда, инчунин ҳагоми ғайриқонунӣ убур намудани сарҳад аз ҷониби шаҳрвандоне, ки барои аёдати наздикони худ ба давлати ҳамсоя мераванд, рух медиҳанд. Барои ба таври қонунӣ убур намудани сарҳад пардохти маблағ талаб карда мешавад, бинобар ин онҳо ғайриқонунӣ сарҳадро убур кардани мешаванд.[28]

**Барномаи амалиёти безарарсозии минаҳо**

20 июни соли 2003, байни Тоҷикистону Барномаи Рушди Созмони Милали Мутаҳид (БРСММ) оид дастгирӣ намудани барномаи миллии амалиёти безарарсозии минаҳо созишнома ба имзо расид ва дар натиҷа МТММ таъсис дода шуд. Маркази мазкур сохтори давлатӣ мебошад ва барои дар ҳудуди кишвар ҳал кардани ҳама гуна масъалаҳои бо амалиёти безарарсозии минаҳо алоқамандбуда ӯҳдадор мебошад.[29] Дар қароргоҳи асосии МТММ воқеъ дар шаҳри Душанбе 16 корманд фаъолият мекунанд.[30] Моҳи майи соли 2008 таҳрири нави Системаи идораи иттилоот оид ба масъалаҳои фаъолияти вобаста ба безарарсозии минаҳо (ИМСМА) аз ҷониби Маркази Байналмилалии Женева оид ба Безарарсозии Башардўстонаи минаҳо (МББМ) ҷорӣ карда шуд ва тамоми иттилооту маълумотҳо оид ба амалиёти безарарсозии минаҳои дар ИМСМА пештара нигоҳдоришуда алакай ба манбаи нави маълумотҳо дохил карда шуданд.[31] Гарчанде, МТММ таҳрири пештараро истифода менамуд ва интизори такмили пурраи таҳрири нав мебошад.[32]

Соли 2007 ҳукумати Тоҷикистон якҷоя бо БРСММ, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Европа (САҲЕ) ва ФШБМ гурўҳи кориро таъсис доданд, ки мақсади асосии гурўҳ дар оянда боз ҳам беҳтар намудани сифати ҳамкорӣ тариқи дар муддати кўтоҳ миллӣ

---

[26] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008.
[27] Ҷонмаҳмад Раҷабов, «Таркандаҳои аз ҷанг боқимонда ва оқибатҳои онҳо» *Маҷаллаи Безарарсозии Минаҳо*, Нашри 10.2, Тирамоҳи 2006, www.maic.jmu.edu.
[28] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008.
[29] «Маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо (МТММ)», www.mineaction.tj.
[30] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008.
[31] Паёми электронӣ аз Томас Болингер, Ҳамоҳангсози минтақавии ИМСМА барои Европаи Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, КБЖБГМ, 27 феврали 2008.
[32] Мусоҳибаи телефонӣ бо Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 2 июли 2008.

гардонидани амалиёти безарарсозии минаҳо мебошад.[33] Барои раҳнамоӣ намудан дар пешрафти корҳо мушовири байналмилалӣ ҷалб карда шуд ва то моҳи сентябри соли 2008 бояд "нақшаи амалҳо оид ба миллӣ гардонидан"-и амалиёти безарарсозии минаҳо таҳия мегардид.[34]

Моҳи марти 2008, таҳрири нави Стандартҳои Миллии Амалиёти Безарарсозии Минаҳо (НМАС) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.[35] Таҳрири такмилёфта дастурҳо оид ба кам кардани масоҳати майдони безарарсозии минаҳо ва таҳрири нави тадқиқоти ИМСМА-ро дар бар мегирад.[36]

*Статуси банақшагирии амалиёти безарарсозии минаҳо*

Мақсади асосии Барномаи Панҷсолаи Стратегии Амалиёти Безарарсозии Минаҳои Комиссияи ҳукуматӣ оид ба Татбиқи Ҳуқуқи Байналмилалии Гуманитарӣ (КТҲБГ) соли 2006-2010, "ҳифз намудани Тоҷикистон аз ҳама гуна таъсири манфии минаҳои заминии ба вазъи гуманитарӣ ва иқтисодӣ таҳдидкунанда мебошад". Он ҳамчунин кам намудани шумораи зарардидагон, ки аз таркиши минаҳо ҷароҳат бардоштаанд, таъминоти моддӣ, иҷтимоӣ расонидани кӯмак ва дастгирии психологии наҷотёфтагонро дар бар мегирад.[37] Лоиҳаи мазкур аз нав дида баромада шуд, 27 июли соли 2006 аз ҷониби КТҲБГ тасдиқ гардид ва ҳоло ҳамчун Иловаҳо ба Барномаи Стратегияи Панҷсолаи Амалиёти Безарарсозии минаҳо (2006-2010) номгузорӣ шудааст.[38]

Дар лоиҳаи такмилшуда зиёд намудани самаранокии безарарсозии минаҳо дар солҳои 2008-2010 пешбинӣ шудааст. Ягона роҳи ба ин ноил гаштан ҷалб намудани Ширкати тиҷоратии безарарсозии минаҳо ва харидории таҷҳизоти механикии безарарсози минаҳо мебощад. Мутобиқи нақша то охири соли 2008 поксозии қитъаҳои таҳти хатари зиёд ва хатари миёнаи минаҳо қарордошта бояд ба анҷом мерасид (қаблан анҷом додани ин амал то соли 2007 ба нақша гирифта шуда буд, вале бинобар маблағгузории нокифоя он муяссар нагардид). Барои гузаронидани тадқиқоти иловагии мавзеъҳои минадор, МТММ ҷузъи барномаи миллии безарарсозии минаҳоро, ки айни ҳол аз ҷониби Фонди Швейтсария оид ба безарарсозии минаҳо идора карда мешавад, таҳким ҳоҳад бахшид.[39]

Аз ҷониби БРСММ Мушовири Таҳкими Иқтидори Сохторӣ аз 1 апрели соли 2008 ба мӯҳлати шаш моҳ ҷалб ва ба МТММ вобаста карда шуд. Нақши асосии мушовир аз арзёбии пурраи фаъолият ва пешниҳоди тавсияҳо, ҳамчунин омӯзонидани кор иборат мебошад. Мушовир ҳамчунин бояд Ҳуҷҷати Лоиҳавии (солҳои 2009-2011)-ро барои

---

[33] Изҳороти Тоҷикистон, Комиссияи доимоамалкунанда оид ба Поксозии Минаҳо, Омӯзиши Хатари Минаҳо ва Технологияи Безарарсозии Минаҳо, Женева, 4 июни 2008.
[34] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008.
[35] Дар ҳамон ҷо.
[36] Дар ҳамон ҷо, 1 июли 2008.
[37] Нигар ба *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007,* саҳ. 651.
[38] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 1 июли 2008.
[39] Изҳороти Тоҷикистон, Комиссияи доимоамалкунанда оид ба Поксозии Минаҳо, Омӯзиши Хатари Минаҳо ва Технологияи Безарарсозии Минаҳо, Женева, 4 июни 2008.

БРСММ таҳия намояд, ки он барои БРСММ дар оянда ҷиҳати анҷом додани амалиёти безарарсозии минаҳо дар Тоҷикистон дастурамал хоҳад шуд.[40]

Нақшаи Тоҷикистон оид ба амалиёти безарарсозии минаҳо ба маблағгузорӣ хеле эҳтиёҷ дорад.[41] Сарфи назар аз он, ки МТММ/БРСММ барои соли 2007 5.5 миллион долари америкоиро талаб карданд, онҳо танҳо аз се як ҳиссаи ин маблағро гирифтанд.[42]

*Ҳамгироии амалиёти безарарсозии минаҳо бо офиятбахшӣ, таҷдид ва рушд*

МТММ аз ҳукумат хоҳиш намуд, ки проблемаи олудагии минаҳоро дар доираи сохтори лоиҳаҳои таҷдиду рушд баррасӣ намояд. Тибқи фармоиши ҳукумат аз июли соли 2006 ба муовини Сарвазир супориш дода шуд, ки вазоратҳои дахлдорро вазифадор намояд, то ки дар мавриди зарурат дар доираи маблағҳои буҷетии худ барои лоиҳаҳои таҷдид ва рушд ба МТММ дар маблағгузории амалиёти безарарсозии минаҳо мусоидат намоянд.[43]

**Безарарсозии минаҳо**

20 июни соли 2003 Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо ФШБМ ҷиҳати дар ҳудуди кишвар гузаронидани амалиёти безарарсозии минаҳо созишнома имзо намуд.[44] Сохторҳои давлатии зерин ба амалиёти безарарсозии минаҳо ҷалб карда шуданд: Вазорати Мудофиа, Вазорати Ҳолатҳои Фавқуллода, Кумитаи Ҳифзи Сарҳад ва Гвардияи Миллӣ. Қисми зиёди безарарсозони минаҳои ФШБМ кормандони ҳарбиии Вазорати Мудофиа мебошанд.[45] Аксари кормандони оперативии ташкилоти мазкурро кормандони Баталиёни Қӯшинҳои Муҳандисии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки одатан онҳо тибқи шартнома ду сол хизмат мекунанд.[46] МТММ афсарони санҷиши сифат дорад, ки ба амалиётҳо назорат мекунанд.[47]

МТММ ба нақша гирифтааст, ки қобилияти худро аз ҷиҳати афзалияти идора, тадқиқот ва мутобиқан кам кардани қитъаҳои минагузошташуда зиёд кунад.[48] Гарчанде, проблемаҳои маблағгузорӣ боиси дертар оғоз гардидани амалиётҳо гаштаанд.[49] Соли 2007 ФШБМ дар ихтиёри худ чор гурӯҳи безарарсозии минаҳо (108 нафар) ва шаш гурӯҳи сагҳои минаҷӯй (СМ), ҳар гурӯҳ иборат аз се корманд ва ду саг, дошт.[50]

---

[40] Паёми электронӣ аз Лутфул Кабир, Мушовири Рушди Иқтидори Сохторӣ, БРСММ, 23 июни 2008.
[41] Мусоҳибаи телефонӣ бо Лутфул Кабир, БРСММ, 24 июни 2008.
[42] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008.
[43] Дар ҳамон ҷо.
[44] Ҷонмаҳмад Раҷабов, «Барномаи Безарарсозии Минаҳои Тоҷикистон», *Маҷаллаи Безарарсозии Минаҳо*, Нашри 10.1, августи 2006, www.maic.jmu.edu; ва паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, МТММ, 18 июни 2008.
[45] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008.
[46] *Нигар ба Гузориши Минаҳои заминӣ 2007*, саҳ. 652.
[47] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008.
[48] Дар ҳамон ҷо.
[49] Мусоҳиба бо Ҷонмаҳмад Раҷабов, МТММ, дар Женева, 4 июни 2008.
[50] Изҳороти Тоҷикистон, Комиссияи доимоамалкунанда оид ба Поксозии Минаҳо, Омӯзиши Хатари Минаҳо ва Технологияи Безарарсозии Минаҳо, Женева, 4 июни 2008.

*Муайян кардани қитъаҳои хатарнок*

Дар давоми тадқиқоти умумии солҳои 2003-2005, ФШБМ тақрибан 50 $км^2$ мавзеъҳои минагузошташударо муайян кард. То охири соли 2007, ФШБМ тақрибан 1.2 $км^2$ қитъаи минагузошташударо аз минаҳо тоза кард. Зимнан 22 $км^2$ замин аз минаҳо тоза ва 17.7 $км^2$ ихтисор карда шуд. Тақрибан дар 4.3 $км^2$ қитъаи боқимонда тахмин карда шудааст, ки минаҳо вуҷуд доранд.[51]

Таҳлили маълумотҳои дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти моҳҳои март-июни соли 2008 дар 14 минтақаҳои ҳамҳудуд бо Афғонистон (Бешкент, Дарвоз, Фархор, Ҳамадонӣ. Ишкошим, Ҷиликӯл, Хоруғ, Панҷ, Қабодиён, Қумсангир, Рӯшон, Шаҳритуз, Шӯрообод ва Ванҷ) ҷамъоваришуда то охири моҳи июни соли 2008 идома дошт. Баъд аз анҷоми таҳлил, афзалиятҳо барои қитъаҳои минагузошташуда муқаррар карда мешаванд[52].

*Безарарсозии мина/ТБҶ дар солҳои 2007 ва 2008*

МТММ ҳабар дод, ки аз ҷониби ФШБМ соли 2007 тақрибан 720,000 $м^2$ майдони заминҳои минагузошташуда ва майдонҳои ҷангӣ, нисбат ба соли 2006 тақрибан ду баробар зиёд аз минаҳо тоза карда шудааст. Боқимонда 17.7 $км^2$ дар натиҷаи гузаронидани тадқиқот ихтисор карда шудааст. Дар маҷмӯъ 19 қитъаи минагузошташуда аз минаҳо тоза ва ба ҷамеаҳои маҳаллӣ супурда шудааст.[53] Илова бар ин, маблағи ҳар як метри мураббаъ замини тозакардашуда аз 5.5 доллар соли 2006 то ба 2.5 доллар дар соли 2007 кам карда шудааст.[54] Шумораи умумии минаҳо безараргардонидашуда, ҳам минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагард ва ҳам минаҳои зидди воситаҳои нақлиёт дар соли 2007 2,109 ададро ташкил дод. Дар давоми шаш моҳи аввали соли 2008, аз ҷониби ФШБМ 1,524 адад минаи зидди қӯшунҳои пиёдагард, 32 адад таркандаи фаръӣ ва 52 адад МН безарар гардонида шуд.[55]

Безарарсозии минаҳо бо кӯмаки СМ ба таври дастӣ анҷом дода шуд.[56] МТММ изҳор менамояд, ки бинобар ҳолатҳои махсус тадқиқоти ғайрирасмии дубораро гузаронидааст.[57] Гузаронидани тадқиқотҳо ва тозакунии заминҳо аз минаҳо бояд мутобиқи стандартҳои байналмилалии амалиёти безарарсозии минаҳо ва дастурҳои МБЖББМ (GICHD) анҷом дода шаванд.[58]

---

[51] Паёмҳои электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008; ва Лидия Гуд, БРСММ, 15 августи 2008.
[52] Мусоҳибаи телефонӣ бо Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 1 июли 2008.
[53] Паёмҳои электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008; ва Лидия Гуд, БРСММ, 15 августи 2008.
[54] Мусоҳибаи телефонӣ бо Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 1 июли 2008.
[55] Дар ҳамон ҷо, 2 июли 2008.
[56] Изҳороти Тоҷикистон, Комиссияи доимоамалкунанда оид ба Поксозии Минаҳо, Омӯзиши Хатари Минаҳо ва Технологияи Безарарсозии Минаҳо, Женева, 4 июни 2008.
[57] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 1 июли 2008.
[58] Паёми электронӣ аз Лутфул Кабир, БРСММ, 23 июни 2008.

Дар давоми соли 2007, МТММ бо ду ҳодисаи нохуши таркиши мина дучор шуд, ки дар натиҷаи онҳо як нафар корманди безарарсози минаҳо ҳалок ва нафари дигар ҷароҳатҳои вазнин бардошт.[59] Тадқиқотҳои оид ба ҳодисаҳои нохуш гузаронидаи МТММ нишон доданд, ки ҳодисаҳои мазкур дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои стандартии амалиёт рӯй додаанд.[60]

**Амалиёти безарарсозии минаҳо дар соли тақвимии 2007[61]**

| Оператори амалиёти безарарсозии минаҳо | қитъаҳои аз минаҳо тозакардашуда (м²) | миқдори минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагарди безараргардонидашуда | миқдори минаҳои зидди воситаҳои нақлити безараргардонидашуда | Масоҳати майдонҳои ҷангии тозакардашуда (м²) | миқдори таркандаи фаръӣи безараргардонидашуда | миқдори МН безараргардонидашуда | масаҳати қитаҳои ихтисоркарда шуда (м²) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ФШБМ | 544,971 | 2,106 | 3 | 177,707 | 228 | 530 | 17,686,678 |

Самаранокии корҳо дар соли 2007 назар ба солҳои пешин баландтар буд, нисбати соли 2006 ду маротиба бештар корҳои тозакунии қитъаҳо аз минаҳо анҷом дода шуданд ва миқдори аслиҳаи ҷангии ошкоргардида ду баробар зиёдтар буд.

**Гузориш оид ба кӯшишҳо ҷиҳати риояи Моддаи 5**

Мутобиқи Моддаи 5 Созишномаи Манъи Минаҳо, аз Тоҷикистон тақозо мегардад, ки ҳама минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагардро минтақаҳои минагузошташудаи таҳти ихтиёри худ ҳарчи зудтар, вале на дертар аз 1 апрели соли 2010 нобуд созад. Соли 2006 МТММ изҳор намуда буд, ки " безарарсозии пурраи минаҳои заминӣ то соли 2010 имконопазир аст". Моҳи сентябри соли 2006 Тоҷикистон ба Кишварҳои Аъзо изҳор намуд, ки "ҳалли ин масъала дар навбати аввал ба маблағгузорӣ вобастагӣ дорад".[62] Моҳи июли соли 2008 дар Ҷаласаи Комисияи Доимоамалкунандаи Байналмилалӣ, Тоҷикистон баён намуд, ки "бинобар норасоии маблағгузорӣ мо наметавонем корҳо ва ӯҳдадориҳои худро дар вақташ иҷро намоем. Ғайр аз ин проблема дигар ҳеҷ монеае сари роҳи анҷом додани вазифаҳову ӯҳдадориҳои дар созишнома зикргардида вуҷуд надорад. Мо дархостҳои иловагии худро омода ва ба Кишварҳои Аъзо пешниҳод менамоем".[63]

---

[59] Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи I, 3 феврали 2008.
[60] Паёми электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 1 июли 2008.
[61] Дар ҳамон ҷо, 18 июни 2008; ва паёми электронӣ аз Лидия Гуд, БРСММ, 15 августи 2008.
[62] *Нигар ба Гузориши Минаҳои заминӣ 2007*, саҳ. 654.
[63] Изҳороти Тоҷикистон, Комиссияи доимоамалкунанда оид ба Поксозии Минаҳо, Омӯзиши Хатари Минаҳо ва Технологияи Безарарсозии Минаҳо, Женева, 4 июни 2008.

**Безарарсозии минаҳо ва ТБҶ дар солҳои 2003-2007**[64]

| Сол | Масоҳати қитъаҳои аз минаҳо тозанамуда ($м^2$) | Масоҳати майдонҳои ҷанги аз минаҳо тозанамуда ($м^2$) | Масоҳати қитъаҳои кам ё ихтисорнамуда ($км^2$) |
|---|---|---|---|
| 2007 | 544,971 | 177,707 | 17.7 |
| 2006 | 307,356 | 61,856 | 0 |
| 2005 | 129,156 | 0 | 0 |
| 2004 | 56,900 | 0 | 0 |
| 2003 | 0 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **1,038,383** | **239,563** | **17.7** |

**Зарардидагони Минаҳои заминӣ/ТБҶ**[65]

Соли 2007, МТММ дар мавриди 19 ҳолати ҷароҳатбардорӣ дар натиҷаи панҷ ҳодисаи таркиши минаҳои заминӣ/ТБҶ гузориш дод, аз ҷумла дар мавриди 9 нафар ҳалокшудагон ва 10 нафар ҷароҳатбардоштагон. Ёздаҳ нафар зарардидагон аҳолии маҳаллӣ, ду нафарашон кормандони безарарсозии минаҳо ва шаш нафарашон ҳарбиён буданд. Ҳамаи зарардидагон мардон буданд, аз ҷумла шаш нафарашон писарбачагон. Дар натиҷаи таркиши минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагард 11 нафар, таркандаи фаръӣ панҷ нафар, ва дигар ТБҶ се нафар ҷароҳат бардоштанд. Тамоми ходисаҳои таркиши таркандаҳои фаръӣ ва ТБҶ, ки дар натиҷаи онҳо одамон ҷароҳат бардоштаанд дар се минтақаи[66] вилояти Хатлон, таркиши минаҳо дар вилояти Хатлон, Вилояти Бадахшони Кӯҳӣ ва инчунин дар ноҳияи Рашт рӯй додаанд. Дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуши дар вилояти Хатлон, аниқтараш дар ноҳияи Ҳамадонӣ рӯйдода 10 нафар ҷароҳат бардоштанд. Аз соли 1998 инҷониб дар мавриди ҳодисаҳои дар вилояти Суғд, байни сарҳади Тоҷикистону Ӯзбекистон рӯйдода гузориш пешниҳод карда нашудааст.

Ҳодисаҳои нохуши таркиши минаҳо дар байни аҳолии маҳаллӣ бештар ҳангоми бозӣ кардан бо муҳумоти ҷангии фаъол рӯй додаанд; дигар ҳодисаҳо ҳангоми ҷамъ намудни ҳезум, таъмири трактор, кӯшишҳои таҷзия кардани МН рӯй додаанд. Танҳо ҳарбиён ва зарардидагони дар натиҷаи анҷом додани амалиёти поксозии минаҳо ҷароҳатбардошта дар мавриди хатари таркиши минаҳо/ТБҶ маълумот дорад (дар мавриди огоҳонӣ аз хатар (ОХ)). Ҳодисаҳои нохуш дар байни аҳолии маҳаллӣ дар шаш ноҳияе рӯй додаанд, ки дар он ҷо то соли 2008 чораҳои ОХ андешида нашуда буданд.

Шумораи зарардидагон дар соли 2007 назар ба соли 2006 нисбатан кам мебошад. Дар соли 2006 12 ҳодисаи нохуш, ки дар натиҷаи онҳо 21 нафар ҷароҳат бардоштаанд (6

---

[64] Паёмҳои электронӣ аз Ҷонмаҳмад Раҷабов, Роҳбари МТММ, 18 июни 2008; ва Лидия Гуд, БРСММ, 15 августи 2008.

[65] Агар тарзи дигар зикр нашуда бошад, таҳлили маълумотҳо оид ба зарардидагон аз ҷониби Нозироти Минаҳои заминӣ, ки ҷавобан ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ пешниҳод гардидаанд ва паёмҳои электронӣ аз Райҳон Муминова, Корманди Кӯмак ба Зарардидагон, МТММ, 9 майи 2008, 21 июни соли 2008; ва аз Абдулмаин Каримов, Корманди Идоракунии Манбаи маълумоти ИМСМА, МТММ, 21 июни 2008.

[66] Ноҳияҳо Ҳамадонӣ ва Қумсангир (моддаҳои тарканда) ва Шӯрообод (дигар ТБҶ) буданд.

нафар ҳалок ва 15 ҷароҳатҳои гуногун бардоштанд), ба қайд гирифта шудааст.[67] Вале, бинобар саросари ҷумҳурӣ ҷамъоварӣ намудани маълумотҳои зиёд, маълумотҳои нав ва дида баромадани маълумотҳои мавҷуда, гузоришҳои солҳои гузашта оид ба шумораи зарардидагон метавонанд нодуруст бошанд.[68]

Аҳолии маҳаллӣ аслан ҳангоми анҷом додани корҳо барои пеш бурдани рузгор таҳти хатари зиёд қарор мегирифтанд, масалан ҳангоми чарондани чорво, ҷамъ намудани ҳезум ва ҳангоми анҷом додани корҳои кишоварзӣ; соли 2007 дар натиҷаи рӯй додани ҳодисаҳои нохуши таркиши минаҳо шумораи аҳолии маҳалии ба чунин навъ фаъолият машғулбуда кам шуд. Маълумотҳои байни солҳои 1999 ва 2006 нишон доданд, ки 48% зарардидагон ҳангоми чарондани чорво, 25% ҳангоми ҷамъ намудани ҳезум ба минаҳо дучор шудаанд. Тавре маълум аст, бо ин навъ фаъолият бештар мардону писарбачаҳо машғул мешаванд, аз ин рӯ мардону писарбачаҳо бештар зарар мебинанд.

Соли 2008 низ руй додани чунин ҳодисаҳо ба мушоҳида мерасид, вале то моҳи майи соли 2008 нисбат ба соли 2007 рӯй додани ҳодисаҳои нохуши бо таркиши минаҳо алоқамандбуда нисбатан кам шуд, танҳо 11 марти соли 2008 як ҳодисаи таркиши минаи зидди қӯшунҳои пиёдагард дар ноҳияи Исфараи вилояти Суғд ба қайд гирифта шудааст.

*Ҷамъоварии маълумот*

Дар Тоҷикистон механизми умумимиллии ҷамъоварии иттилоот вуҷуд надорад, вале фарогирии географӣ то ноҳияи Панҷ, ки маълумотҳо аз он ҷо ғайрикофӣ буданд, васеъ карда шуд ва миқдори маълумоти ҷамъоваришуда нисбат ба гузоришҳои қаблӣ хеле зиёд гардид. Дар натиҷаи чунин фарогирӣ миқдори маълумотҳои носаҳеҳ аз 15-20% дар соли 2006 то ба 10% дар соли 2007 кам шуданд.[69]

МТММ якҷоя бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ) барои ҷамъоварӣ намудани маълумот оид ба зарардидагон тариқи талаб намудани иттилоот аз манбаъҳои расмӣ ва гирифтани маълумот аз нафарони зарардидаи ҷамеаҳо ӯҳдадор мебошанд.[70] Моҳи ноябри соли 2007, шабакаи ҶҲАТ дар 7 ноҳияи вилояти Хатлон

[67] Нигар ба *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007*, саҳ. 655. Нисбати соли 2006, Нозироти Минаҳои заминӣ дар бораи 20 зарардида (шаш нафар кушташудагон, 14 нафар захмишудагон) гузориш дод, ки аз онҳо ду нафарашон занон буданд. Маълумотҳои баъдан такмилдода ва аниқнамудаи МТММ оид ба зарардидагон тафсилоти бештарро таъмин намуданд ва носаҳеҳиҳо, камбудиҳо ва дигар ҳолатҳои такрор дар маълумотҳои пештар ҷамъоваришуда ошкор ва ислоҳ карда шуданд. Аз соли инҷониб 28 нафар аз зарардидагон дар Тоҷикистон занҳо буданд: 22 нафари онҳо дар соли 2000, якнафарӣ дар соли 2001 ва 2002, ду нафар дар соли 2003, ва ду нафар дар соли 2006. Миқдори умумии зарардидагон аз гузоришҳои соли пешин мутобиқан тасҳеҳ карда шудааст.
[68] Нигар ба *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2004,* саҳифаҳои. 794–795; *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2005*, саҳ. 559; *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2006*, саҳ. 699; ва *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007*, саҳ. 655.
[69] Ҷавоб ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008; ва паёми электронӣ аз Абдулмаин Каримов, МТММ, 21 июни 2008.
[70] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо, Баҳри Майит, 21 ноябри 2007.

таъсис дода шуд; Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх (КБСС) дастгирӣ намудани ҶҲАТ-ро дар вилояти Суғд ва ноҳияи Рашт идома дод.[71] МТММ маълумотҳоро оид ба зарардидагон дар ИМСМА аз соли 2003 инҷониб пешбурд менамояд.[72] Корманди идоракунии манбаи маълумотҳо дар курси амалӣ омӯзонида шуд ва омӯзиши минбаъдаи ӯ моҳи сентябри соли 2008 ба нақша гирифта шудааст. Солҳои 2007-2008, МТММ ҳамчунин омӯзиши хатари минаҳо/ТБҶ-ро ба ихтиёрони ҶҲАТ таъмин намудааст, омӯзиши минбаъда оид ба стандартҳои гузоришдиҳӣ соли 2008 ба нақша гирифта шудааст. [73]

Моҳи марти соли 2008, МТММ, Вазорати Тандурустӣ (ВТ), Вазорати Меҳнат, Вазорати Ҳифзи Иҷтимоии Аҳолӣ ва ҶҲАТ амалиёти расонидани кӯмак ба зарардидагонро (РКЗ), ки соли 2006 оғоз гардида буд, анҷом доданд.[74] Маълумотҳо бо маълумотҳои дар ИМСМА нигоҳдоришуда муқоиса, маълумотҳои камбуд пур карда ва такрори онҳо аз байн бурда шуд.[75] Таҳлили маълумотҳо нишон доданд, ки зарардидагони пештар ҷароҳатбардоштаи панҷ минтақаи вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони, аз ҷониби МТТМ ба қайд гирифта нашудаанд.[76] МТММ мақсад дошт, ки хулосаҳои тафтиши маълумотҳоро барои тартиб додани нақша, муайян кардани афзалиятҳо, назорати амалиётҳои расонидани кӯмак ба зарардидагон истифода барад ва ташкили кори ҳамоҳангсозиро беҳтар намояд; маълумотҳо дар алоҳидагӣ ҳангоми тафтиш дида баромада шуданд. Аз ҷониби МТММ ҳамчунин рӯйхати ҳама гуна хизматрасониҳои дар Тоҷикистон дастрасбуда тартиб дода шуд.[77]

Аз ҷониби ВТ маълумотҳо оид ба хизматрасониҳои тамоми воҳидҳои ҳифзи тандурустӣ ҷамъоварӣ шуданд, вале маълумотҳо марказонида ё барои банақшагирӣ истифода нашуданд.[78] Соли 2007, МТММ ва ВТ ба хулосаи истифода намудани усули ИМСМА дар беморхонаҳо ва марказҳои тиббӣ омаданд. 21 июни соли 2008, ВТ маълумотҳои ИМСМА-ро вобаста ба 20 нафар зарардида, ки ба МТММ интиқол додашуда буданд, ҷамъоварӣ намуд.[79]

---

[71] КБСС, «Гузориши махсус: Безарарсозии Минаҳо 2007», Женева, апрели 2008, саҳ. 18.
[72] Нигар ба *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007,* саҳ. 656.
[73] Паёми электронӣ аз Абдулмаин Каримов, МТММ, 21 июни 2008.
[74] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Комиссияи Доимӣ оид ба Кӯмак ба Зарардидагон ва Ҳамгироии Иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Женева, 3 июни 2008.
[75] Мусоҳиба бо Райҳон Муминова, МТММ, дар Женева, 3 июни 2008; ва паёми электронӣ аз Абдулмаин Каримов, МТММ, 21 июни 2008.
[76] Таҳлили маълумотҳо оид ба зарардидагон, ки Абдулмаин Каримов, МТММ, 16 апрели 2007 ва Райҳон Муминова, МТММ, 25 июни 2008 пешниҳод намудаанд, аз ҷониби Нозироти Минаҳои заминӣ. Ноҳия инҳо буданд: Қумсангир, Фархор ва Шаҳритуз (вилояти Хатлон) ва Шуғнону Ишкошим (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.
[77] Ҷавобҳои Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008, дар Женева ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ; ва «Таҳқиқи Пешакии Вазъи Кӯмакрасонӣ ба Зарардидагон дар Кишварҳои дахлдори аъзо», Баҳри Майит, 21 ноябри 2007, саҳифаҳои 44-45.
[78] Нигар ба *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007*, саҳ. 656.
[79] Паёми электронӣ аз Абдулмаин Каримов, МТММ, 21 июни 2008.

Бо вуҷуди ҳамаи он, ки шумораи умумии зарардидагон дар Тоҷикистон ҳанӯз номаълум боқӣ мемонад, пешравиҳои назаррас дар ҷамъоварии иттилоот дар соли 2007, маълумотҳо оид ба демография, география, фаъолият ҳангоми ҳодисаи таркиши минаҳо ва навъҳои муҳимоти таркандаи боиси ҳодисаи нохушгардида ба мушоҳида мерасанд.[80] МТММ изҳор намуд, ки ҷамъоварии иттилоот оид ба ҳодисаҳои таркиши минаҳо ва зарардидагон ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ ва баъд аз он (1992-1999) ҳамчун яке аз проблемаҳои мушкил боқӣ мемонад.[81]

Аз ҷониби МТММ байни солҳои 1991 ва моҳи декабри соли 2007 765 ҳодисаи таркиши минаҳо, ки дар натиҷаи онҳо нафарони зиёд ҷароҳатҳои гуногун бардоштаанд ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла 345 ҳодисаи ҳалокшавӣ ва ҷароҳат бадоштани 420 нафар одамон. Қисми зиёди зарардидагонро шаҳрвандон (727 нафар), 33 нафар ҳарбиён ва 5 нафар кормандони безарарсози минаҳо ташкил медиҳанд (аз ҷумла 1 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Франсия). Қисми зиёди шаҳрвандони зарардидаро мардон (419), писарбачаҳо (183), занон (78) ва духтарон (40) ташкил медоданд. Синну соли чор нафар мард ва се зан муайян карда нашудааст. Дар натиҷаи таркиши минаҳои зидди қӯшунҳои пиёдагард 462 нафар, таркиши ТБҶ 194 нафар (аз ҷумла панҷ нафар аз таркиши таркандаи фаръӣ) ва 109 нафар дар натиҷаи таркиши дастгоҳҳои номаълум ҷароҳат бардоштаанд. МТММ муайян намудани шумораи зарардидагони дар соли 2007 дар натиҷаи таркиши таркандаҳои фаръӣ ҷароҳатбардоштаро оғоз намуд.[82] Тахминан 12% (85) дар мавриди хатари таркиши минаҳо омӯзонида шуданд.

Дар 10 ноҳияи минтақаи Рашт 52% ҳодисаҳои таркиши минаҳо, ки дар натиҷаи онҳо 397 нафар ҷароҳат бардоштанд, ба қайд гирифта шудаанд; ҳодисаҳои таркиши минаҳо бештар дар ноҳияҳои Тавилдара (172) ва Рашт (144) рӯй додаанд. Дар вилоятҳои Хатлону Бадахшони Кӯҳӣ, ки минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон мебошанд, аз соли 1991 то соли 2007 162 нафар зарардида ба қайд гирифта шудааст. Дар вилояти Суғд, ки дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷойгир аст, 172 зарардида, бештар дар ноҳияи Панҷакент (62) ва Исфара (41). Боқимонда ҳодисаҳои таркиши минаҳо дар дигар минтақаҳо рӯй додаанд ё мавзеъи ҳодисаҳо ба қайд гирифта нашудааст.[83]

**Омӯзонӣ аз хатари минаҳои заминӣ/ТБҶ**

Соли 2007, чун соли 2006, фаъолияти огоҳонӣ аз хатари минаҳо/ТБҶ барои ҳарчи бештар фаро гифтани минтақаҳое, ки дар онҳо таркиши минаҳо зиёдтар ба мушоҳида мерасад, нисбатан зиёдтар гузаронда шуданд. Моҳи июни соли 2008 аз 26 минтақа дар

---

[80] Таҳлили малумотҳо оид ба зарардидагон, ки Райҳон Муминова, МТММ, 25 июни 2008 пешниҳод намудааст, аз ҷониби Нозироти Минаҳои заминӣ.

[81] Паёмҳои электронӣ аз Абдулмаин Каримов, МТММ, 11 ва 21 июни 2008.

[82] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо, Баҳри Майит, 21 ноябри 2007.

[83] Ҷавобҳои Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008 ва 25 июни 2008 ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ; ва паёми электронии Абдулмаин Каримов, МТММ, 21 июни 2008.

22-тои он чорабиниҳои огоҳонӣ аз хатари минаҳо/ТБҶ гузаронида шуданд. Маълумотҳои ҷамъоваришудаю нав оид ба зарардидагон, ҳамчунин маълумотҳо дар бораи минаҳои гузоштташуда барои муайян кардани афзалиятҳо вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои огоҳонӣ аз хатар ба гурӯҳҳои бештар осебпазир, масалан мактаббачаҳо, нафарони ба корҳои кишофарзӣ машғулбуда ва чӯпонҳо истифода шуданд. Навъҳои фаъолияти зерин низ хатари зиёди таркиши минаҳоро ба миён меоранд: ҷамъ намудани ҳезум, чаронидани чорво, истифодаи пайраҳаҳои ношинос.[84]

Соли 2007, тақрибан 85,600 нафар дар 179 ҷомеа доир ба хатари минаҳо/ТБҶ омӯзонида шуданд, соли 2006 чор маротиба зиёдтар (20,132 дар 87 ҷомеаҳо).[85] Оператори асосӣ ҶҲАТ боқӣ монд, вале Вазорати Маориф (ВМ) иштироки худро дар ин омӯзишҳо васеъ намуд ва МТММ ҳамоҳангсозӣ ва қобилияти стратегии банақшагирии худро беҳтар намуд. Иштироки ЮНИСЕФ тадриҷан кам шуд.[86]

*Доираи стратегия ва қобилият*

МТММ дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва ҶҲАТ барои ҳамоҳангсозии пурра, татбиқ ва назорати корҳои огоҳонӣ аз хатар дар Тоҷикистон ӯҳдадор мебошад.[87] Лоиҳаи миллии амалиёти безарарсозии минаҳо, ки соли 2006 ба он тағйирот ворид карда шуд, фаъолият оид ба огоҳонӣ аз хатарро дар бар мегирад,[88] вале стратегияи нави амалҳо оид ба огоҳонӣ аз хатар 12 марти соли 2008 аз ҷониби КТҲБГ қабул гардид. Стратегияи нав стандартҳои байналмилалӣ ва миллии огоҳонӣ аз хатарро инъикос менамояд ва мақсади ҳарчи зиёдтар фаро гирифтани минтақаҳоро дорад.[89] Стратегияи мазкур бо дигар заминаҳои амалиёти безарарсозии минаҳо, ба монанди тадқиқи зарардигон/ҷароҳатбардоштагон, бо МТММ, ки тариқи СММ, давлат ва дигарон мақсади муттаҳид кардани амалиётҳои огоҳонӣ аз хатар дар "амалиётҳои башардӯстонаи сарҳадӣ, ҳуқуқи инсон ва вусъатдиҳии амалиётҳо"-ро дорад, алоқаманд мебошад.[90]

---

[84] МТММ, «Омӯзиши Хатари Минаҳо», www.mineaction.tj; ва паёми электронӣ аз Лидия Гуд, БРСММ, 15 августи 2008.
[85] Ҷавобҳои Салоҳиддин Шамсиддин, Ёвари Барномаи Ҳифзи Кӯдакон, ЮНИСЕФ, 13 апрели 2008 ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ; ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ ва паёмҳои электронӣ аз ҷониби Давлатова Шаҳриниссо, Ҳамоҳангсози ОХМ, МТММ, 25 май ва 23 ва 25 июни 2008; паёми электронӣ аз Абдулмаин Каримов, МТММ, 21 июни 2008; ва нигар *ба Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007,* саҳ. 654.
[86] Ҷавобҳои Салоҳиддин Шамсиддин, Ёвари Барномаи Ҳифзи Кӯдакон, ЮНИСЕФ, 13 апрели 2008 ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ; ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ ва паёмҳои электронӣ аз ҷониби Давлатова Шаҳриниссо, Ҳамоҳангсози ОХМ, МТММ, 25 май ва 23 ва 25 июни 2008; паёми электронӣ аз Абдулмаин Каримов, МТММ, 21 июни 2008; ва нигар *ба Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007,* саҳ. 654.
[87] Ҷавобҳои Давлатова Шаҳриниссо, МТММ, 25 майи 2008 ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ; ва нигар ба МТММ, «Стратегияи омӯзиши Хатари Минаҳо барои Тоҷикистон», Душанбе, 12 марти 2008, саҳ. 11.
[88] МТММ, «Тағйиротҳо ба Барномаи стратегии панҷсолаи миллии Тоҷикистон оид ба безарарсозии минаҳо», Душанбе, марти 2006.
[89] МТММ, «Стратегия омӯзиши Хатари Минаҳо барои Тоҷикистон», Душанбе, 12 марти 2008, саҳ. 11.
[90] Дар ҳамон ҷо, саҳифаҳои 8–9, 11.

Соли 2007 Барномаи Миллии Омӯзиши Хатари Минаҳо оғоз гардид. Он дар асоси принсипи умумии бархӯрди ба ҷомеа асосёфта, ки аз ҷониби КБСС таҳия ва аз ҷониби ҶҲАТ татбиқ карда шуд, амалӣ гардид.[91] Ихтиёрони ҶҲАТ роҳбарони ҷомеаҳо ва омӯзгоронро барои кӯмак намудан дар муайян кардани қитъаҳои хатарнок, гурӯҳҳои бештар осебпазир, амалиётҳои ОХ омӯзониданд.[92]

МТММ ҳар се моҳ якҷоя ба ВМ, Harmony of the World, ҶҲАТ, КБСС ва ЮНИСЕФ вобаста ба ҳамоҳангсозии ОХ ҷаласаҳо мегузаронанд. Соли 2007 ҷаласаҳо дар атрофи масъалаи рушди стратегияи ОХ гузаронида шуданд.[93] Корманди МТММ оид ба омӯзиши хатари минаҳо мониторинги мунтазамро анҷом дода, аз фаъолияти ОХ гузориш пешниҳод намуд; соли 2007, тамоми 15 минтақаи хатарнок мавриди мониторинг қарор гирифта, дар соли 2008 тафтишоти 22 минтақаи дигар ба нақша гирифта шуд.[94]

Лоиҳаи таҷрибавии ЮНИСЕФ оид ба омӯзонии хатар дар мактабҳо моҳи августи соли 2007 ба анҷом расид, вале, сарфи назар аз баҳои мусбат вусъат дода нашуд. Ба ивази он, мутобиқи барномаи Миллии Омӯзиши Хатари Минаҳо лоиҳаи мазкур ба маҷмӯи ӯҳдадориҳои ВМ илова карда шуд.[95] Дар анҷоми татбиқи лоиҳаи таҷрибавии ЮНИСЕФ, ВМ дар шаш ноҳия, дар 50 мактаб 15,000 хонандаро оид ба хатари минаҳо омӯзонид.[96] Дар натиҷаи баҳодиҳӣ маълум шуд, ки омӯзгорон инчунин метавонад тавассути ашёҳои лозима ОХ-ро берун аз муассисаҳои таълимӣ анҷом диҳанд ва бояд ОХ барои омӯзонии гурӯҳҳои безарарсозии минаҳо барои боз ҳам афзун намудани қобилияти ҷомеаҳо таъмин карда шавад. Вале, ҳамчунин маълум гашт, ки амалиётҳои ОХ ба таври зарурӣ мутобиқ карда нашудаанд ва пурра хатарҳои мавҷударо фаро намегиранд, қисман аз сабаби пурра набудани маълумотҳо оид ба зарардидагон ва тадқиқотҳо. Бо вуҷуди ин, гарчанде ОХ ҳоло ба нақщаи таълимӣ ворид нашуда бошад ҳам, ВМ " азхудкунии пурраи" барномаро нишон дод.[97]

Тоҷикистон дар гузориши ниҳоии худ тибқи Моддаи 7 вобаста ба табақаи осебпазир ва таҳти хатар қарордоштаи аҳолӣ, шумораи зарардидагон, маблағгузорӣ, минтақаҳои

---

91 Моддаи 7, Формаи J, 3 феврали 2008; ва ҶҲАТ, «Гузориши Ҳарсолаи ОХМ», Душанбе, 5 феврали 2008, саҳ. 7.

92 МТММ, «Омӯзиши Хатари Минаҳо», www.mineaction.tj.

93 Паёми электронӣ аз Давлатова Шаҳриниссо, МТММ, 23 июни 2008.

94 Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ, ва паёми электронӣ аз ҷониби Давлатова Шаҳриниссо, МТММ, 25 май ва 23 июни 2008.

95 Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Салоҳиддин Шамсиддин, ЮНИСЕФ, 13 апрели 2008; ва паёми электронӣ аз Рут Леано, Намояндаи Намояндагии ЮНИСЕФ, 21 июни 2008; ва Давлатова Шаҳриниссо, МТММ, 23 июни 2008.

96 Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ, ва паёми электронӣ аз ҷониби Давлатова Шаҳриниссо, МТММ, 25 май ва 23 июни 2008; ва ЮНИСЕФ, «Гузориши Ниҳоии Омӯзиши Хатари Минаҳо», Душанбе, 7 октябри 2007, саҳ. 10.

97 ЮНИСЕФ, «Гузориши Ниҳоии Омӯзиши Хатари Минаҳо», Душанбе, 7 октябри 2007, саҳ. 4.

фарогирифта, ҳамкориҳо ва амалиётҳои анҷомдода маълумотҳои муфассал пешниҳод намудааст. [98]

*Фарогирӣ ва аксуламал*

МТММ тахмин намудааст, ки дар 26 ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 600,000 нафар таҳти хатар қарор гирифта буданд. Аз байни ин 26 ноҳия, соли 2007 дар 15 амалиётҳои ОХ гузаронида шуданд. Соли 2008, дар 7 ноҳияи вилояти Хатлон боз ҳодисаҳои нави таркиши минаҳо ба қайд гирифта шуданд ва бинобар ин бо сарпарастии Агентии Рушд ва Ҳамкории Швейтсария ва Канада амалиётҳои иловагии ОХ гузаронида шуд. Дар соли 2008 танҳо дар як ноҳия вилояти Хатлон, ки дар он ходисаи нави таркиши мина рӯй дода буд, ОХ гузаронида нашуд: Қабодиён. [99] Ба ҷумлаи масъалаҳои ОХ ҳамчунин мавзеи ноҳамвор, шароити шадиди муҳити атроф, ҷамъиятҳои осебразир/дурдаст, мушкилиҳои забонӣ, мушкилиҳо дар сарҳади Ӯзбекистон ва норасоии маблағгузорӣ, дохил мешаванд.[100]

*Фаъолиятҳо*

ҶҲАТ гузаронидани ОХ тавассути 40 нафар ихтиёрон дар 179 ҷомеаи 15 ноҳияи таҳти хатар қародошта идома дод: соли 2007 зиёда аз 70,000 нафарони бо корҳои кишоварзӣ ва чорводорӣ машғулбуда омӯзонида шуданд.[101] ОХ барои кӯдакон дар мактабҳо гузаронида ва ду майдончаи бозӣ барои кӯдакон дар ноҳияи Айнӣ сохта шуд. Солҳои пеш, майдончаҳо барои бозӣ кардани кӯдакон бо маблағгузории КБСС сохта мешуданд, аммо соли 2007 сохтмони майдончаҳо аз ҷониби МТММ маблағгузорӣ шуданд.[102] ҶҲАТ ҳамчунин аломатгузорӣ намудани минтақаҳои хатарнокро идома дод.[103] Соли 2007, аввалин маротиба барои эҳтиёткорона амал кардани гурӯҳҳои муайн тариқи радио ва телевизион барномаҳои ОХ огоҳонида шуданд. [104]

Созмони Ҳамоҳангии Ҷаҳон дар иҷрои амалиёти ОХ барои наҷотёфтагон ба МТММ, ҶҲАТ, ва ЮНИСЕФ кӯмак намуд, ин фаъолиятро созмони мазкур ҳангоми доир намудани лагери тобистонаи худ, ки ҳар сол барои наҷотёфтагон ташкил карда мешавад, анҷом дод. Яке аз мақсадҳои ташкил кардани лагер аз омӯзонидани

---

[99] Паёми электронӣ аз Давлатова Шаҳриниссо, МТММ, 23 июни 2008.

[100] Паёми электронӣ аз Абдулмаин Каримов, МТММ, 21 июни 2008; МТММ, «Тағйиротҳо ба Барномаи стратегии панҷсолаи миллии Тоҷикистон оид ба безарарсозии минаҳо», Душанбе, марти 2006, саҳ. 9; ва ҳамчунин нигар ба *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2006*, саҳифаҳои 694–695.

[101] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ, ва паёми электронӣ аз ҷониби Давлатова Шаҳриниссо, МТММ, 25 май ва 23 июни 2008.

[102] Ҳамагӣ, 12 майдончаҳои бозӣ сохта шудаанд. ҶҲАТ, «Гузориши Ҳарсолаи ОХМ», Душанбе, 5 феврали 2008, саҳифаҳои 2–3, 5; ва МТММ, «Омӯзиши Хатари Минаҳо», www.mineaction.tj.

[103] ҶҲАТ, «Гузориши Ҳарсолаи ОХМ», Душанбе, 5 феврали 2008, саҳ. 6.

[104] Дар ҳамон ҷо, саҳифаҳои 2, 4–5; ва МТММ, «Омӯзиши Хатари Минаҳо», www.mineaction.tj.

начотёдтагон барои ихтиёриёни ОХ шудан мебошад; аз байни онҳо панҷ нафар ҳамчун ихтиёрӣ ба ҷомеаҳои худ сафарбар карда шуданд.[105]

**Расонидани кӯмак ба зарардидагон**

Арзёбии эҳтиёҷотҳои МТММ, ки дар боло зикр карда шудаанд, нишон дод, ки 90% аз таркиши минаҳо/ТБҶ наҷотёфтагон ба дастгирии моддӣ ва психологӣ, 80% ба табобати дарозмуддат ва барқароршавии ҷисмонӣ эҳтиёҷи зиёд доранд. Наҷотёфтагоне, ки аз табақаи камбизоати аҳолӣ ва дар минтақаҳои дурдаст зиндагонӣ мекунанд, дастрасии хизматрасониҳо ба онҳо маҳдуд аст.[106]

Ҳама шаҳрвандони Тоҷикистон ба хизматрасонии ройгони (бепули) тиббӣ ҳуқуқ доранд ва соли 2007 ба ҳамаи зарардидагон ёрии таъҷилии тиббӣ расонида шуд.[107] Дар минтақаҳои хатари минаҳо/ТБҶ вуҷуддошта воҳидҳои тиббӣ ба ҳама дастрасанд, вале онҳо дар ҳолатӣ бад қарор доранд ва ба нафарони дар минтақаҳои дурдаст зиндакунанда дастрасии ёрии тиббӣ маҳдуд аст. Беморхонаҳои дар шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо мавҷудбуда ба зарардидагон кӯмаки тахассусӣ мерасонанд, вале роҳи дур ва арзиши гарони ёрии иловагии тиббӣ дастрасии онро маҳдуд месозад.[108]

Қисми зиёди нафарони аз таркиши минаҳо/ТБҶ ҷароҳатбардошта метавонанд барои барқарор кардани саломатии худ ба Маркази Миллии Ортопедии воқеъ дар шаҳри Душанбе ё се намояндагии он муроҷиат намоянд: ҳамлу нақл, ҷой ва хӯрока ройгон мебошад.[109] Ин марказҳо аз ҷониби КБСС дастгирӣ ва маблағгузорӣ мешаванд, вале чораҳои андешидамешуда баҳри устувор гардонидани ваҳдати миллӣ анҷом дода мешаванд.[110]

Тоҷикистон барои наҷотёфтагон гӯруҳи алоҳидаи дастгирӣ ё барномаи барқарорсозии психологиро надорад, вале онҳо метавонанд тавассути 59 шохаҳои Иттиҳоди Миллӣ барои маъюбон хизматрасониҳоро дастрас намоянд.[111] Аз ҷониби ҳукумат барои

---

[105] Ҷавобҳои Давлатова Шаҳринисо, МТММ, 25 майи 2008 ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ; Моддаи 7, Формаи J, 3 феврали 2008; ва ҶҲАТ, «Гузориши Ҳарсолаи ОХМ», Душанбе, 5 феврали 2008, саҳ. 4.

[106] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008; мусоҳиба бо Райҳон Муминова, МТММ, дар Женева, 3 июни 2008; ва «Таҳқиқи Пешакии Вазъи Кӯмакрасонӣ ба Зарардидагон дар 24 Кишвари дахлдори аъзо», Баҳри Майит, 21 ноябри 2007, саҳифаҳои 44-45.

[107] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо, Баҳри Майит, 21 ноябри 2007.

[108] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Комиссияи Доимӣ оид ба Кӯмак ба Зарардидагон ва Ҳамгироии Иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Женева, 3 июни 2008; паёми электронӣ аз Абдулмаин Каримов, МТММ, 21 июни 2008; ва МТММ, «Тағйиротҳо ба Барномаи стратегии панҷсолаи миллии Тоҷикистон оид ба безарарсозии минаҳо», Душанбе, марти 2006, саҳ. 9.

[109] Нигар ба *Гузориши Нозироти Минаҳои заминӣ 2007*, саҳ. 656.

[110] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.

[111] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо, Баҳри Майит, 21 ноябри 2007; Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова,

зарардидагон ва оилаҳои ҳалокшудагон аз минаҳо/ТБҶ дар як моҳ ҳамагӣ 10 доллари америкоӣ нафақа ҷудо карда мешавад. Қаблан хабар дода шуда буд, ки тақрибан 700 нафар наҷотёфтагон нафақа мегиранд, маблағи умумии нафақа дар як сол 84,000 долларо ташкил медиҳад.[112]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории хифзи ҳуқуқҳои маъюбон амал мекунад. МТММ қайд намуд, ки таъмини нафақа бинобар маҳдуд будани маблағгузорӣ мувофиқ набуд. Вазорати Шуғл ва Ҳифзи Иҷтимоии Аҳолӣ барои боз ҳам беҳтар кафолат додани ҳифзи иҷтимоии маъюбон қонуни навро таҳия намуд. Моҳи апрели соли 2007, МТММ барои мувофиқ кунондани қонунгузории Тоҷикистон, аз ҷумла қонун дар бораи маъюбон бо вазифаву ӯҳдадориҳои дар Созишномаи Манъи Минаҳо зикргардида, якҷоя бо Созмони Ҳамоҳангии Ҷаҳон корҳоро шурӯъ намуд.[113]

То 31 июли соли 2008, Тоҷикистон ҳанӯз  Созишномаи СММ оид ба Ҳуқуқҳои Маъюбонро ба имзо нарасонидааст. Гарчанде, масъалаи ҳамроҳшавӣ ба он дар мизи мудаввар ва бо иштироки тарафҳои манфиатдор моҳи декабри соли 2007 ҳал гардида буд; чунин мизи мудаввар ҳамчунин моҳи майи соли 2008 гузаронида шуда буд.[114]

*Ҷаласа дар мавриди масъалаи пешравиҳо дар анҷоми мақсадҳои расонидани кӯмак ба зрардидагон VA25*

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз 25 Кишвари Аъзо, дорои миқдори зиёди наҷотёфтагони минаҳо ва «вазифаву ӯҳдадориҳои зиёд аст, вале барои расонидан кӯмак ба зарадидагон ҷиҳати барқароршавӣ ва ҳамгироӣ ба кӯмаку дастгирӣ хеле эҳтиёҷ дорад».[115] Ҳамчун ҷузъи ӯҳдадории худ ба Лоиҳаи Амалиёти Найробӣ, Тоҷикистон барои Вохӯрии Шашуми Кишварҳои Аъзо, ки моҳи ноябри соли 2005 баргузор гардида буд, руйхати мақсадҳои худро барои солҳои 2005-2009 омода намуд.[116] Моҳи июни соли 2008, дар вохӯриҳои Комиссияи Доимӣ Тоҷикистон оид ба пешравиҳои худ дар идома додани татбиқи мақсадҳо гузориш пешниҳод намуд. [117]

---

МТММ, 9 май ва 21 июни 2008; ва МТММ, «Мақсадҳои ва нақшаи амалҳои Тоҷикистон оид ба расонидани кӯмак ба зарардидагон барои солҳои 2005–2009», Душанбе, майи 2006, саҳ. 4.

[112] Изҳороти Тоҷикистон, Комиссияи Доимӣ оид ба Поксозии Минаҳо, Омӯзонии Хатари Минаҳо ва Технологияҳои Безарарсозии Минаҳо, Женева, 4 июни 2008.

[113] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.

[114] Дар ҳамон ҷо;  ва паёми электронӣ аз Лидия Гуд, БРСММ, 15 августи 2008.

[115] СММ, «Гузориши Хотимавӣ, Конференсияи Муҳокимаи Нахустин», Найробӣ, 29 ноябр–3 декабри 2004, APLC/CONF/2004/5, 9 феврали 2005, саҳ. 99.  Урдун дар Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо барои шумораи зиёди наҷотёфтагон масъулият эълон намуд ва бинобар ин дар КЗ25 кишвари 25-ум шуд.

[116] «Гузориши Хотимавии Мулоқоти Шашуми Кишварҳои аъзо/Гузориши Пешрафти Загреб», Қисми II, Замимаи V, Загреб, 28 ноябр–2 декабри 2005, саҳифаҳои 196–201.

[117] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Комиссияи Доимӣ оид ба Кӯмак ба Зарардидагон ва Ҳамгироии Иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Женева, 3 июни 2008.

Дар ҳоле, ки арзёбии талаботҳо раванди муайянсозӣ ва муқаррар намудани афзалиятҳоро барои расонидани кӯмак ба зарардидагон тезтар намуд[118], маблағгузории амалиёти ОХ номувофиқ ва тӯлонӣ боқӣ монд, ки ин ба амалӣ гардонидани мақсадҳо ва татбиқи нақша монеъ гашт. Бо вуҷуди ин, пешравиҳо дар мутобиқсозии хизматрасониҳо, ҷамъоварӣ намудани иттилоот, марказонидани иттилоот назаррас буданд.[119]

Яке аз кормандони МТММ, ҳамчун аъзои намояндагони Тоҷикистон дар ҷаласаҳои Созишномаи Манъи Минаҳо дар соли 2007-2008 иштирок кард.[120]

Тоҷикистон дар мавриди хизматрасониҳои ба наҷотёфтагон таъминшуда ва таъмингарони хизматрасониҳое, ки дар гузориши тибқи Моддаи 7 соли 2007 зикр карда шудаанд, маълумотҳои муфассалро пешниҳод намуд.[121] Ҳамчунин аз соли 2005 инҷониб Тоҷикистон дар гузоришҳои худ маълумотҳоро оид ба Расонидани Кӯмак ба Зарардидагон пешниҳод намудааст.[122]

*Барномаи стратегии расонидани кӯмак ба зарардидагон*

Барномаи стратегии амалиёти безарасозии минаҳо барои солҳои 2004-2008 нақши МТММ дар расонидани кӯмак ба зарардидагонро эътироф менамояд ва бинобар ин ба барномаи стратегӣ тағийртҳо ворид карда мешаванд. Ба вазифаҳои МТММ ҳамоҳангсозӣ бо Вазорати Меҳнат ва Ҳифзи Иҷтимоии Аҳолӣ ва дигар ташкилотҳои манфиатдор дохил мешаванд. Гурӯҳи Кории Кӯмакрасонҳои Миллӣ ба Зарардидагон соли 2007 зуд-зуд вохӯриҳо мегузаронид.[123] Корманди кӯмакрасон (духтур ва равоншинос) ва ёвар (наҷотёфта) ҷараёни татбиқи лоиҳаро назорат мукунанд, ҳамоҳангсозии барномаҳо, кӯмакрасонӣ ба такмил додани қобилият, зиёд намудани маблағгузориҳо, ҳамгироии кӯмакрасонӣ ба зарардидагонро анҷом медиҳанд.[124]

8-9 апрели соли 2008, дар Семинари Дуюми Миллии Расонидани Кӯмак ба зарардидагон, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, масъалаҳои расонидани кӯмак ба зарардидагон ва нақшаи амалиёт барои солҳаи 2005-2009 мавриди барассӣ қарор дода шуданд; дар байни иштирокчиён наҷотёфтагон низ буданд.[125] Хулосаҳои

---

118 Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.

119 Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо, Баҳри Майит, 21 ноябри 2007; ва Комиссияи Доимӣ оид ба Кӯмак ба Зарардидагон ва Ҳамгироии Иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Женева, 3 июни 2008.

120 Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.

121 Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи J, 3 феврали 2008.

122 Гузориш тибқи Моддаи 7, Формаи J, 14 марти 2006.

123 Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.

124 Дар ҳамон ҷо.

125 Дар ҳамон ҷо.

семинар ба Гурӯҳи Кории Кӯмакрасонҳои Миллӣ барои таҳияи мақсадҳо ва нақшаҳо то соли 2010 мусоидат хоҳанд намуд.[126]

Вазорати Меҳнат ва Ҳифзи Иҷтимоии Аҳолӣ барои ҳифзи маъюбони Тоҷикистон ва кор бо сохторҳои дахлдоре, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои маъюбон вазифадор мебошанд, ваколатдор карда шудааст.[127] Он ҳамчунин барои назорат кардани ҳалли масъалаҳо ва барномаҳои ба маъюбон дахлдошта, хисматрасониҳои барқарорсозӣ, таъминоти техникӣ аз ҷониби КБСС вазифадор мебошад.[128] Вазорати Ҳифзи Тандурустӣ ва Кумитаи Ҳолатҳои Фавқуллода барои расонидани кӯмаки тиббии фавқуллода ва идома додани он ваколатдор мебошанд. ҶҲАТ амалӣ гардонидани амалиёти ҳамгироии иқтисодии наҷотёфтагон ва Созмони Ҳамоҳангии Ҷаҳон дастгирии иҷтимоӣ ва хифзи маъюбонро анҷом медиҳанд.[129]

Соли 2007, тақрибан ба 1,378 нафар маъюбшудагон хизматрасониҳо пешниҳод карда шуданд, аз ҷумла ба 160 нафари дар натиҷаи таркиши минаҳо/ТБҶ ҷароҳатбардошта. Маркази Миллии Ортопедӣ (ММО) ба 1,218 нафар барои барқароршавии ҷисмонӣ (аз ҷумла ба 42 наҷотёфта) кӯмак намуд. Барномаи Расонидани Кӯмак ба Наҷотёфтагон бевосита ба наҷотёфтагони нав тариқи табобат дар воҳидҳои тиббии миллӣ кӯмак расонид; ба 25 кӯдаки наҷотёфта ёрии психологӣ; ба 32 наҷотёфта кӯмаки моддию иҷтимоӣ; ба 36 нафар кӯмакҳои гуногун расонида шуданд. [130]

ММО ва филиалҳои ортопедии он барои барқароршавии ҷисмонӣ ва психологӣ хизматрасониҳо таъмин менамоянд. ММО аз ҷониби Вазорати Меҳнат ва Ҳифзи Иҷтимоии Аҳолӣ тавассути дастгирии иқтисодию техникии КБСС идора карда мешавад; сафарбарсозиро ҶҲАТ таъмин менамояд. Соли 2007 байни Вазорат ва КБСС барои оғоз намудани маблағгузории пурра ва вазифаҳои ташкилотчигии ММО дар соли 2008 созишнома баста шуд. Таъминоти ашъёҳо низ аз ҷониби ММО аввалин маротиба анҷом дода шуд.[131] Моҳи ноябри соли 2007 се духтур барои омӯзонӣ дар Донишгоҳи Офиятбахшии Славения сарпарастӣ карда шуданд.[132] Сарфи назар аз кам шудани дастгириҳо аз ҷониби КБСС[133] сифати хизматрасониҳои офиятбахшӣ ва дастрасии он

---

[126] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Комиссияи Доимӣ оид ба Кӯмак ба Зарардидагон ва Ҳамгироии Иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Женева, 3 июни 2008; ва ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.
[127] Департаменти Давлатии ШМА, «Гузориши кишварҳо 2007 оид ба Татбиқи Ҳуқуқи Инсон: Тоҷикистон», Вашингтон, Округи Колумбия, 11 марти 2008.
[128] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.
[129] Дар ҳамон ҷо.
[130] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо, Баҳри Майит, 21 ноябри 2007; ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008 ва 21 июни 2008; ва ҶҲАТ, «Барномаи Офиятбахшии Ҷисмонӣ: Гузориши Солонаи 2007», Женева, майи 2008 саҳифаҳои 29, 42.
[131] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.
[132] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо, Баҳри Майит, 17 ноябри 2007.
[133] ҶҲАТ, «Барномаи Офиятбахшии Ҷисмонӣ: Гузориши Солонаи 2007», Женева, майи 2008 саҳ. 42.

дар соли 2007 бехтар гашт, вале рӯйхати дар навбат истодагон дар ММО (на дар фириалҳои он) мавҷуд аст.[134]

Кӯмак ба Лоиҳаи Наҷотёфтагон аз Минаҳои заминӣ ва ҶҲАТ ҷиҳати пешниҳод намудани хизматрасонӣ идома дошт, вале дар доираи маҳдуд, бинобар камбуди маблағгузорӣ. Соли 2008, 50 оилаи наҷотёфтагон бо дастгирии молиявии Агентии Байналмилалии Рушди Канада барои машғул шудан ба замбӯрпарварӣ интихоб карда шуданд.[135]

Дар Ҳуҷҷати  Стратегияи Паст Кардани Сатҳи Камбизоатии Тоҷикистон зикр гардидааст, ки  ташкили муттасили кӯмакрасонӣ ба зарардидагон барои ноил гардидан ба Мақсадҳои Рушди Ҳазорсолаи СММ оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ басо муҳим аст. Мақсадҳои асосии стратегия аз беҳтар намудани вазъи саломатӣ, барқарорсозӣ, омӯзонии тахассусӣ ва таъмин намудан бо ҷои кор, таъмини маъюбон бо нафақа иборат мебошанд.[136]

**Мусоидат ба Амалиёти Безарарсозии минаҳо**

Нозироти  минаҳои заминӣ аз маблағи умумие, ки барои анҷом додани амалиёти безарарсозии минаҳо дар Тоҷикистон зарур аст, маълумот дар ихтиёр надоранд. МТММ барои соли 2007 дар мавриди малағгузории пурра, 5,120,176 (€3,734,356) гузориш пешниҳод намуд.  Кӯшишҳо барои сафарбарсозии захираҳо дар сатҳи байналмилалӣ тибқи Тағийротҳои ба Стратегияи Панҷсола (2006-2010) – Барномаи Миллии Амалиёти безарарсозии Минаҳо воридкардашуда, анҷом дода мешаванд. Дар асоси нақшаи ҳарсолаи корӣ стратегияи сафарбарсозии захираю маблағҳо ва мақсадҳо муқаррар карда мешаванд.[137] Соли 2007, МТММ корманди кӯмакрасонро ба кор даъват намуд. [138]

*Дастгирии миллии амалиёти безарарсозии минаҳо*

Тоҷикистон ба Нозироти Минаҳои заминӣ гузориш дод, ки он дар соли 2007 ба арзиши 565,000 доллари ШМА кӯмаки натуралӣ расонидааст.[139] Дар гузориши моҳи ноябри соли 2007 ба ҳамраиси Комиссияи Доимоамалкунанда оид ба Поксозии Минаҳо, Омӯзиши Хатари Минаҳо ва Технологияҳои Безарарсозии Минаҳо пешниҳоднамуда,

---

[134] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.

[135] Гузориши муаррифии Райҳон Муминова, МТММ, Мулоқоти Ҳаштуми Кишварҳои Аъзо, Баҳри Майит, 17 ноябри 2007 ва Комиссияи Доимӣ оид ба Кӯмак ба Зарардидагон ва Ҳамгироии Иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Женева, 3 июни 2008; ва ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.

[136] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Райҳон Муминова, МТММ, 9 майи 2008.

[137] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Парвиз Мавлонқулов, Роҳбария Амалиёти безарарсозии минаҳо, МТММ, 16 июни 2008.

[138] Изҳороти Тоҷикистон, Комиссияи Доимӣ оид ба Кӯмак ба Зарардидагон ва Ҳамгироии Иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Женева, 3 июни 2008.

[139] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Парвиз Мавлонқулов, МТММ, 16 июни 2008.

Тоҷикистон изҳор намуд, ки саҳми худро дар амалиёти безарарсозии минаҳо ҳамасола, бар иловаи ҳиссагузорӣ дар шакли пешниҳоди биною иморатҳо, маводи таълимӣ ва хизматрасониҳо оид ба тахлия (эвакуатсия), то 500,000 доллари ШМА зиёд менамояд. Ахбор оид ба фаъолияти безарарсозии минаҳо дар телевизион ва радиои миллӣ ба таври ройгон интишор мегардад, ва содироти таҷҳизоти безарарсозии минаҳо аз андоз озод мебошад.[140] Моҳи июни соли 2008, зимнан, гузориш дод, ки барномаи безарарсозии минаҳо аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон маблағгузорӣ нашуданд ва кӯмакҳои ҳукуматӣ дар соли 2007 танҳо дар шакли натуралӣ буданд.[141] Тоҷикистон қаблан гузориш дода буд, ки кӯмакҳои миллӣ дар шакли натуралӣ дар соли 2003 тақрибан маблағи 300,000 доллари ШМА, дар соли 2004 – 400,000 доллар, дар соли 2005 – 500, 000 доллар ва дар соли 2006 – 500,000 долларро ташкил доданд.[142]

*Ҳамкорӣ ва кӯмаки байналмилалӣ*

Дар соли 2007, панҷ кишвар гузориш доданд, ки ба Тоҷикистон дар амалиёти безарарсозии минаҳо дар ҳаҷми 1,252,001 доллари ШМА (€913,137) кӯмаки молиявӣ расонидаанд. Ҳаҷми маблағгузории гузоришдодашудаи фаъолияти безарарсозии минаҳо дар соли 2007 нисбати ба маблағи дар соли 2006 гузоришшуда тақрибан 18 фоиз зиёдтар мебошад. Маблағгузории ҳарсола аз соли 2004 инҷониб, ки тақрибан 2,5 миллион доллари ШМА-ро ташкил медод, тадриҷан кам шудааст. Ҳаҷми маблағгузорӣ дар соли 2007 барои эҳтиёҷоти фаъолияти безарарсозии минаҳо кофӣ набуд.

Фонди Байналмилалии Трастӣ оид ба Безарарсозии Минаҳо ва Кӯмак ба Зарардидагони Минаҳо дар мавриди пешниҳод намудани омӯзиш дар Институти Офиятбахшии Словения дар Люблиана гузориш дод. Словения ягона кишвари донори (кӯмакрасони) барнома буд.[143] Фонди Байналмилалии Трастӣ аз буҷети барнома гузориш надод, вале Словения изҳор намуд, ки дар соли 2007 барои кӯмак ба зарардидагон 50,034 доллари ШМА пешниҳод намудааст (нигар ба ҷадвали поён)

Тибқи ҳолати то моҳи июни соли 2007, БРСММ гузориш дод, ки бо сабаби камбуди маблағгузорӣ, МТММ дар тӯли сол чанд маротиба дар «ҳоли басташавӣ» қарор дошт. Аксари барномаҳои барои соли 2007 пешбинишуда маблағгузорӣ нашуданд, дар натиҷа амалиёти безарарсозии минаҳо нисбат ба пештара бо суръати хеле паст ҷараён доштанд. Тибқи гузоришҳои пешниҳодшуда чорабиниҳои кӯмакрасонӣ ба зарардидагон бинобар норасоии буҷети пешбинишуда дар доираи МТММ боиси «ташвиши доимӣ» мегардиданд. БРСММ хотирнишон намуд, ки камбуди маблағгузорӣ ба таъминоти озуқаворӣ, амнияти сарҳадӣ таъсири манфӣ расонида, боиси афзоиши шумораи аҳолии

[140] «Хулосаи Иттилооти Пешниҳоднамудаи Кишварҳои Аъзо оид ба Татбиқи Моддаи 5 дар Доираи Саволҳои Бамиёнгузоштаи Ҳамраисон дар Комиссияи Доимӣ оид ба Поксозии Минаҳо, Омӯзонии Хатари Минаҳо ва Технологияҳои Безарарсозии Минаҳо», 21 ноябри 2008, саҳ. 14.

[141] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Парвиз Мавлонқулов, МТММ, 16 июни 2008.

[142] Паёми электронии Ҷонмаҳмад Раҷабов, МТММ, 18 июни 2008.

[143] ФБТ, «Гузориши солонаи 2007», Любляна, саҳ. 47.

зарардида мегардад.[144]

**Маблағгузории Байналмилалии Амалиёти Безарарсозии Минаҳо ба Тоҷикистон дар соли 2007: Молиявӣ**[145]

**2007 International Mine Action Funding to Tajikistan: Monetary**

| **Донорҳо** | **Агентиҳо/Ташкилотҳои татбиқкунанда** | **Тафсилоти Лоиҳа** | **Маблағ** |
|---|---|---|---|
| Германия | ФШБМ (FSD) | Амалиёти муқаррарнашудаи безарарсозии минаҳо | $622,254 (€453,836) |
| Канада | БРСММ | Ҳамоҳангсозии амалиёти безарарсозии минаҳо | $245,336 (C$263,349) |
| Британияи Кабир | БРСММ | Поксозии минаҳо/МН | $200,200 (£100,000) |
| Швейтсария | БРСММ/МТММ | КЗ, омӯзонии безарарсозии минаҳо | $134,177 (CHF161,000) |
| Словения | ФБТ | КЗ | $50,034 (€36,492) |
| **Ҳамагӣ** | | | **$1,252,001 (€913,137)** |

МТММ аз ворид гардидани 1,898,222 доллари ШМА дар соли 2007, иборат аз кӯмаки молиявии Канада, Германия, Норвегия, Кореяи Ҷанубӣ, Британияи Кабир, Штатҳои Муттаҳидаи Амарика, ҳамчунин аз КБСС, САҲЕ, БРСММ ва ЮНИСЕФ гузориш дод[146]. Норвегия аз кӯмаки худ ба Тоҷикистон дар солҳои охир гузориш надодааст, ҳамчунин Кореяи Шимолӣ ва Штатҳои Муттаҳида низ. Нозироти Минаҳои заминӣ моҳи августи соли 2008 ба МТММ барои аниқ намудан дархост ирсол намуд, вале то лаҳзаи таҳияи гузориши мазкур ҷавоб нагирифтааст.[147]

Маблағгузории пешбининамудаи МТММ барои соли 2008 4,059,330 доллари ШМА-ро ташкил медиҳад; то моҳи июни ҳамин сол тибқи гузориши пешниҳодшуда 2,163,366 доллари ШМА ворид гардидаанд. [148]

---

[144] Хадамоти Амалиёти Минаҳои СММ, «Таҳлили нимсолаи маблағгузории Барномаҳои Безарарсозии Минаҳои соли 2007», сана нишон дода нашудааст.

[145] Маълумотҳо аз тариқи паёмҳои электронӣ аз Йоҳаннес Диршерл, Референт, Вазорати Корҳои Хориҷии Федералӣ, 1 феврали 2008; Карли Фолкес, Корманди Барнома, Вазорати Корҳои Хориҷӣ ва Тиҷорати Байналмилалии Канада, 20 майи 2008; Тайо Нваубани, Корманди Барнома, Департаменти Рушди Байналмилалӣ (DFID), Департаменти Низоъ, Гуманитарӣ ва Амният, БК, 29 апрели 2008; Реми Фридманн, Қисми Сиёсии IV, Вазорати Корҳои Хориҷӣ, 29 апрели 2008; ва Ирина Горсик, Мушовир, Вазорати Корҳои Хориҷӣ, 27 феврали 2008.

[146] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Парвиз Мавлонқулов, МТММ, 16 июни 2008. Ин миқдор маълум гардид, ки маблағҳои дар гузоришҳои пештараи Нозироти Минаҳои заминӣ зикргардидаро дар бар мегирад.

[147] Паёми электронӣ аз Лидия Гуд, БРСММ, 15 августи 2008.

[148] Ҷавобҳо ба саволномаи Нозироти Минаҳои заминӣ аз ҷониби Парвиз Мавлонқулов, МТММ, 16 июни 2008.